**Парки технологии**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Парки технологии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (минбаъд ПТ ДДК) бо Фармоиши Ректори ДДК аз санаи 24.09.с.2012, № 172 таъсис ёфтааст. Тибқи Қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ аз санаи 28.01.2013, № 6/5-14 Низомнома ва сохтори Парки технологӣ тасдиқ карда шудааст.

ПТ ДДК аз чор утоқи корӣ бо масоҳати умумии 210м$^2$ иборат мебошад. ПК ҳамчун зерсохтори ДДК фаъолият намуда муҳр ва суратҳисоби алоҳида дорад. Дар соли 2020-2021 дар Парки технологӣ 5-нафар кормандон; азҷумла 1-нафар директор, 1 нафар мутахасиси мизу курси 1 нафар мутахасиси таъбу нашр 1-нафар мутахассиси чубу метал ва 1-нафар дӯзанда кору фаъолият намуда истодаанд.

Парки технологӣ дар Донишгоҳ бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии фаъолияти илмӣ инноватсионӣ, ба даст овардани натиҷаҳои самарабахши илмии донишҷӯён, мутахасисонӣ, ҷавон, омӯзгорон, ташкилии корхонаҳои инноватсионӣ, дастгирии корхонаҳои хурду миёнаи дигар ватанию хориҷӣ фаъолият менамояд.

- амалӣ намудани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи технологияи муосир;
- мусоидат намудан ба пешрафти технологияи муосир ва омӯзишӣ;
- татбиқи стандартҳои байналмилалӣ оид ба омӯзиш, илм ва технология;
- мусоидат дар бунёди усулҳои навин ва муосири технологияи истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Донишгоҳои давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ озмуни грантҳои хурдро барои дар амал тадбиқ намудани лоиҳаҳои илмию инноватсионии донишҷуён магистрантон ва докторантони PhD баргузор менамояд .Ҳаҷми маблағи грант метавонад аз 500 то 3000 ташкил диҳад 10 лоиҳаи беҳтарин аз тарафи донишгоҳ маблагузорӣ карда мешавад.

Парки технологӣ худмаблағгузор набуда аз тарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Айни замон суратҳисоби алоҳида кушода соҳиби муҳр низ гардидааст. Мақсад дорад, ки дар оянда худмаблағгузор шавад.

Ҳадаф ва самтҳои таҳқиқоти илмии технопарк, барои истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии илмталаб равона шудааст. Парк бо муассисаҳои таҳсилоти касбии дигар тибқи шартнома ҳамкорӣ намуда, бо истифода аз нерӯи пуриқтидори илмию тадқиқотӣ муттаҳидгардида, лоиҳаҳои ҳалталаби соҳаи инноватсиониро, ки ба техналогияи муосир ниёз дорад, ҳалу фасл менамояд.

Дар 5 соли охир зиёда аз 7 лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯён аз ҳисоби донишгоҳ маблағгузорӣ ва амалӣ карда шудааст. Аз ҷумла: занги электронӣ, барномаи компютерии базаи биологии сода, дар соли 2020 барои дастгирии 10 лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯён эълон паҳн карда шудааст. Озмуни мазкур то охири соли 2020 ҷамъбаст хоҳад гашт.

Заминаи модию техникӣ дар ПТ бо дастгирии раёсати донишгоҳ барои коргоҳи табъу нашри парки технологӣ таҷҳизотҳои техникӣ харидори гардидаанд, ки тамоми корҳои чопкуни китоб бейчикҳо диплом, ва ғайраҳоро иҷро мекунад.

Дар Парки технологӣ корҳои кафшергарӣ таъмир намудани мизу курсиҳо чоп намудани ҳама гуна ҳуҷҷатҳо, корҳои дӯзандагӣ, гулдузи нақшу нигораҳо, омода намудани мусавварахҳои чакан бо таври кундал ва парвариш намудани гулҳои мавсими дар шароити гармхонагӣ, таҳқиқотҳои илмии донишҷӯён дар мавриди навиштани рисолаҳои хатм ва амсоли онҳо.

Бо мақсади омода намудани мутахассисон Парки технологӣ бо мутахассисони мағозаи Рухом шартнома намуда, рассоми паркро барои омӯзиши гулдӯзии чакан бо таври кундал равон намуд. Айни замон рассоми парк барои 22-адад гулдӯзии чакан бо таври кундал омода намудааст. Илова бар он дар коргоҳи дӯзандагӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ҳамасола теъдоди зиёди духтарон ба омӯзиш фаро гирифта шуда баъди хатми курси кутоҳмуддат бо сертификат сарфароз гардонида мешаванд.

Парки технологии назди ДДК бо парки технологии ДОТ, ДМТ ва донишкадаи технология, менеҷмент ва инаватсионӣ дар ш.Кӯлоб шартномаи ҳамкорӣ дорад.

Парки технологии донишгоҳ дар назди худ марказҳои хизматрасонӣ аз қабили марказҳои хизматрасонии компютерӣ, сартарошхона, ошхонаҳо, мағозаҳои хурди фурӯши маводи конселярӣ, маркази интернетӣ (Дидор), нуқтаҳои тезтайёр ташкил намудааст, вале мутаассифона ба талаботи тиҷораткунонии моликияти зеҳнӣ, ҷиҳати иҷрои «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» ҷавобгӯ нест. Танҳо чанде қабл маркази табъу нашр дар назди парки технологӣ сознон дода шуд, ки қобили дастгирӣ буда, ин марказ ба талаботи банди мазкур созгор мебошад. Агар маркази номбурда фаъолияташро дуруст ба роҳ монда, китобу дастурҳо, фишурдаҳо, варақаҳои тарғиботӣ ва дигар маводи марбут ба моликияти зеҳниро ба нашр расонида, тавассути мағозаҳои фурӯши маводи конселярии донишгоҳ ба тиҷорат пешкаш намояд, ҳам талаботи Стратегия иҷро мегардад ва ҳам даромад ба даст меояд.

Раванди ба марҳилаҳо ҷудо намудани моликияти зеҳнии ихтироъшуда ҷиҳати такмил ва рушди ихтироот мутаносибан бад нест, зеро дар муассиса тавре зикр намудем, ихтирооти омӯзгорон академик Каримов С.К., дотсент, Холиқов С.С., омӯзгорон Сайфуддинов Ф., Ҳисайнов Т., Хоҷаев И., донишҷӯ Назаров А. шаҳодатномаи муаллифиро гирифтаанд. Дар ин баробар дигар омӯзгорону донишҷӯён ба ихтироот машғул мебошанд, ки кори онҳо номукаммал эътироф гардида, шаҳодатномаи ҳифз (нахустпатент) надоранд. Айни замон, вобаста ба такмил ва рушди соҳаи ихтироъкорӣ донишгоҳ бо ташкили Маркази истеъдодҳои ҷавон рӯ ба ташаккул ниҳодааст.

Вобаста ба заминаи моддию техникӣ ва технологии донишгоҳ корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Дар ин бобат донишгоҳ дар шароити имрӯза танқисӣ надорад.

Донишгоҳ ҷиҳати таъмини марказҳо бо ашёи зарурии илми муосир - лавозимоти лабораторӣ, техникаи компютерӣ, китобҳои таълимии зарурӣ тайи чанд соли охир тадбирҳои лозима андешида истодааст. Барои таъмини МРКИ бо техникаи компютерӣ лоиҳаи "Баланд бардоштани малакаҳои ба кор таъминкунии духтарони курсҳои болоии Донишгоҳи давлатии кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ " амалигардида истодааст, ки дар оянда барои рушди тахассуси донишҷӯён хизмат менамояд.

Барои дастгирии ихтироъкорон танҳо дар соли 2019 маблағи **3600** сомонӣ ҷудо гардидааст.

Ҷиҳати ташкил ва ҷиҳозонидани таҳлилгоҳи факултети химия, биология ва география, ҳамчунин барои анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотии докторантон ва аспирантон барои омӯхтани таркиби химиявии об ба **маблағи умумии 40 000** - сомонӣ таҷҳизоти лабораторӣ харидорӣ карда шуд.

- ✓ Настолный лабораторный pH-метр OHUS;
- ✓ Наппа TDS-метр общей минерализации водных растворов;
- ✓ Колба нагриватель 1000 мл;
- ✓ Дистиллятор воды до 1-литр в час;
- ✓ Ручной электрод pH-метр;

Ҳамзамон, соли равон харидории дигар таҷҳизот барои озмоишгоҳҳои факултети физика ва математика, химия, биология ва география ва дигар факултетҳо аз ҳисоби лоиҳаҳои байналмилалӣ дар назар аст.

Харидории китобҳои таълимии зарурӣ низ яке аз талаботи банди мазкур маҳсуб ёфта, дар соли 2019 5125 адад китоб бо арзиши 166238 сомонӣ харидорӣ гардидааст. Аз моҳи феврали соли 2020 то инҷониб **37** номгӯй китоб бо теъдоди 452 адад дар ҳаҷми **18448** сомонӣ харидорӣ гардидааст.

Тарғибу ташвиқи дастовардҳои олимони донишгоҳ ва ихтироъкорони донишгоҳ тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Масалан, тариқи "Навид"-и ТВ Сафина моҳи октябри соли 2019 гузориши телевизионӣ оид ба Сайфиддинов Ф. ва моҳи декабри соли 2019 вобаста ба сазовор гардидани ӯ ба ҷойи аввал, ба мақоми беҳтарин ихтироъкори сол аз тариқи ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ тасдиқи гуфтаҳои болост. Дар баробари ин, натиҷаи фаъолияти ихтироъкорон аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаи расмии донишгоҳ ва рӯзномаи "Анвори дониш" тарғиб мешаванд.

Раванди омода намудани кадрҳои илмӣ дар самти моликияти зеҳнӣ дар муассиса дар маркази таваҷҷӯҳи роҳбарияти муассиса қарор дошта, вобаста ба равнақи он як зумра дастгириҳо: расонидани кӯмакпулиҳо дар ҳаҷми аз се то панҷ ҳазор сомонӣ, додани рухсатиҳои эҷодии дарозмуддат бо нигоҳ доштани як воҳиди корӣ, додани

сафархарҷии пулакӣ, пешпардохти моҳона ва амсоли инҳо ба роҳ монда шудааст. Дар марҳилаи ҳисоботӣ соли 2019 ва 4 моҳи соли 2020 **25** нафар омӯзгорон рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, **4** нафар расман барои дифоъ иҷозат гирифтанд ва наздики 31 нафари дигар барои дифоъ омода гардидаанд.

Ташкили семинарҳои илмӣ, таълимӣ дар сатҳи донишгоҳ оид ба дастгирӣ дар донишгоҳ иброз медорем, ки барои доираи унвонҷӯёну магистрантон ва докторантони PhD бо ҷалби олимони ботаҷрибаи донишгоҳ профессорон Ибодов М.О., Мирзоев С.С., Ғуломов И., Ҷ. Алимӣ, Абдуллоев М.Х., дотсентон Расулов Д., Мирзоев Ғ., Худойдодова Ш.З., Муродова Г.Р., Холиқова З.К., ҳамчунин, бо даъвати мутахассисон аз донишгоҳҳои марказ монанди академик Н. Раҷабов, профессорон Шарипов Ф., Юнусӣ М., Қурбонов А., дотсент Сафарализода Х.Қ. ва дигарон барои донишҷӯён аз тариқи маркази рушди касбият ва инноватсия ва маркази истеъдодҳои ҷавон семинарҳои илмӣ-таълимӣ роҳандозӣ гардиданд. Ҳамзамон дар назди раёсати илм ва инноватсия тибқи нақша семинари илмӣ барои пажӯҳишгарони ҷавон амал дорад, ки пурра ба самти кори илмӣ-тадқиқотӣ бахшида шудааст.

Аъзоёни маҳфили «Истеъдодҳои ҷавон» ва ПТ ДДК дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла озмунҳо, форумҳои навоварӣ ва ихтироъкории ДДК, МД "Маркази миллии патенту иттилоот", Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амвол, МД "Телевизиони Сафина" иштирок намуда бо Ифтихорномаҳо, Дипломҳо ва ҷоизаҳои пулию молӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Бо дастгирии бевоситаи Раёсати донишгоҳ 1-адад коргоҳи табъу нашр дар назди Парки технологӣ сохта шуд, ки он бо тамоми таҷҳизотҳои технологияи навтарин кору фаъолият намуда истодаст.

Мушкилҳои ҷойдошта:

- нарасидани лабораторияи коркарди растаниҳои шифобахши Тоҷикистон;
- нарасидани лабораторияи микробиологӣ;
- ташкил намудани коргоҳи истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ;
- ташкил намудани коргоҳи заргарӣ;
- нарасидани мутахассисони соҳаи фармасевтӣ барои омода намудани доруҳои растанигӣ.